# Ҷашни байналмилалии Наврӯз муборак!



# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№38 (4934)

ПАНҶШАНБЕ,
20 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj





# ПАРЧАМБАРДОРИ НУСРАТИ НАВРӮЗӢ

**Замин, Зан, зоиш ва зиндагӣ - чор мафҳуми азиме ҳастанд, ки Наврӯз аз онҳо оғоз мешавад. Пас боре аз худ пурсидаем, заминеро, ки дар он зиндагӣ мекунем, занро, ки модар, хоҳар, ҳамсар ва духтари мост, зоиш, ки таваллуд шудану рӯидан аст ва зиндагиро, ки Замин, Зан ва зоишро дар бар мегирад, то чӣ андоза мешиносем?**

Мо ҳар сол мушоҳида мекунем, ки фаслҳо тағйир меёбанд, зимистон баҳор мешавад, тобистон ба тирамоҳ табдил меёбад. Магар мо ҳам фаслҳои зиндагии худро ташхис медиҳем? Аз ҳар фасли умрамон ба хубӣ баҳра мебардорем? Ҳар субҳе ба сӯи нав шудан, аз дигар эҳё гаштан, ба наврӯзи худ расидан иқдом менамоем?

Ниёкони мо ҳамеша талош меварзиданд, ки худро бишносанд, ҳақиқати зиндагиашонро дарёбанд. Онҳо ба табиат бо чашми мушоҳида менигаристанд, барои шинохти асрори он мекӯшиданд. Одамон ҳатто дар моқабли таърих барои худро эҳё сохтан, ба зиндагии шод расидан иқдомҳое менамуданд.

Дар устураҳо мехонем, ки ба бовари одамони қадим Одунес, эзади гиёҳон аст. Ин эзад модина аст, гулу гиёҳро мерӯёнад, дарахтону растаниҳоро месабзонад ва ба дунё хуррамӣ мебахшад, аммо дар фасли зимистон ин эзад мемирад ва сабаби аз байн рафтани гулу гиёҳон мегардад. Одамон ҷасади ӯро дар аввали Испандмоҳ ба дарё меандохтанд ва занон сиёҳ мепӯшиданду дар азои Одунес мешиштанд ва наҳвасароӣ мекарданд. Рӯзи дигар Одунес аз нав зинда мешуд ва ба борварӣ мепардохт. Мардум аз мотам мебаромаданд ва шодмонӣ менамуданд. Бо ҳамин эзади гиёҳон ҷаҳонро сабзу муаттар мекард.

Ин эзад, ки нафаси занона дорад ва рамзи зоишу рӯиш аст, зиндагиро нав месозад ва ба дилҳо фараҳ меорад. Одамони қадим дар симои ин худои борварӣ ба шинохти табиат расиданд ва аз шинохти табиат худро дарёфтанд. Онҳо ин пайғомро ба мо доданд, ки худро бишносем ва шод зистанро биёмӯзем.

Дар айёми Наврӯз намоиши бузурги гулу гиёҳ дар тамоми сайёраи Замин рух медиҳад. Эзади Замин, ки номаш Сипандормуз аст, нафас мекашад ва ишқро тавлид месозад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Сипандормуз низ модина аст ва рамзи занонагӣ мебошад.

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» менависад, ки Испанд панҷумин моҳи Сипандормуз (Замин) аст ва эрониёни қадим дар аввали ин моҳ рӯзи занро таҷлил месохтанд. Дӯшизагон аз падарону бародарон ва занҳо аз шавҳарони худ дар он рӯз тӯҳфаҳо мегирифтанд. Чун Испанд ба моҳи март рост меояд, басо бадеҳист, ки мо ҳам имрӯз Рӯзи Модар ва Наврӯзро дар ҳамин моҳ таҷлил мекунем.

Аз мисолҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки Замин ва Наврӯз хосияти модинагӣ дошта, Модар ба ҳисоб мераванд. Яъне зоиш, рӯиш ва эҳё гаштан асли онҳост.

### НАВРӮЗ ПАЙҒОМИ ХУДОГОҲӢ

Агар табиат ҳар сол худро нав месозад ва ин навсозиашро ба намоиш мегузораду он боиси борварияш мегардад, оё мо ҳам қадаме ба сӯи навсозии худ мебардорем, ки ба сӯи камоламон биравем? Мо чӣ боре бар дӯши худ дорем? Боре аз бадиҳо ё хубиҳо, сохтанҳо ё сӯхтанҳо?! Донистани ин чиз бароямон хеле муҳим аст, чунки дар огаҳӣ зистан моро аз ҷаҳолат наҷот медиҳад.

Хушбахтона, имрӯз дар ҷомеаи мо огоҳона дар худ фурӯ рафтан, худро шинохтан, нав сохтан, таваллуде дигар ёфтан ва ба Наврӯзи одамияту тараққии худ расидан қад алам кардааст. Парчамбардори ин шинохт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Имрӯз андешаи он ки мо кӣ будем, аз куҷо омадаем, ба куҷо равонаем, дар зеҳнамон равшан мешавад ва аз мо посух мехоҳад. Мо то решаҳои худро нашиносем, таъриху тамаддуни худро ба дурустӣ наёмӯзем ва роҳи оянда худро муайян накунем, ба ҷое намерасем. Аз ин ҷост, ки бо дастури Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ нашр шуд, то ки мо бихонему бо худамон шинос шавем.

Вақте назаре ба рӯзгори ниёконамон меандозем, пай мебарем, ки Наврӯз сифати зотии онҳо будааст. Вақте Заҳҳоки мордӯш, ин неруи аҳриманӣ хост мағзи моро нобуд созад ва бо ҳамин васила тухми моро маҳв намояд, Коваи оҳангар қиём намуд, аҳриманро шикаст дод ва рӯзи сиёҳи мардумро ба рӯзи нав мубаддал сохт. Вақте арабҳо хостанд забони моро, ҳувияти моро ба нобудӣ расонанд, Яъқуби Лайс бархост, аз забону фарҳанги мо дифо кард. Дақиқиҳо, абуманусуриҳо, фирдавсиҳо бархостанд, таъриху забони моро эҳё намуданд. Сомониҳо барои мо дафтару девон сохтанд. Рӯдакиҳо омаданд бо шеър забони моро ба курсӣ нишонданд. Муғулҳои истилогар дар пеши тамаддуни мо сари таъзим фуруд оварданд. Ва дар асри бист:

**Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,**
**Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.**
**Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,**
**Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.**

Фарзандони бузурги халқи тоҷик ҳамеша ба пайкари миллат ҷон дамидаанд, онро ба рӯзи нав, яъне ба Наврӯз расонидаанд. Мо ҳамеша аз дили зимистонҳои сарду тираи таърих мисли рӯзи нав эҳё шудаем, мисли мурғи қақнус аз хокистари худ ҷон гирифтаем.

Имрӯз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳаракати наврӯзиро сарварӣ мекунанд. Талош меварзанд, ки худро бишносем, дар ҷаҳли мураккаб гирифтор нашавем. Ӯ рӯдакивор ба мо ҳушдор медиҳанд:

**Дар раҳгузари бод чароғе, ки турост,**
**Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост.**

Агар Наврӯз таваллуде дар табиат аст, пас мо ҳам бояд ҳамеша ба таваллуде дигар фикр кунем. Дар айёми Наврӯз сардӣ аз байн меравад, сабзаҳо медаманд, гулҳо мешукуфанд, дунё беҳу хуб мешавад, яъне неҳзати зебоӣ ба вуҷуд меояд. Мо чӣ? Оё ба чанголи сардиҳою торикиҳо гирифтор намешавем? Бадиҳоро бо оташи наврӯзӣ месӯзем? Ба ҳамдигар дасти салом дароз мекунем? Ба сӯи доноию хубиҳо парвоз менамоем?

Муҳим аст, ки ин суолҳоро аз худ пурсем. Охир маънии ҳаёт хӯрдану хобидан нест, балки талош варзидан ва пила-пила ба сӯи камол рафтан аст. Ақл бузургтарин амонат аст, ки ба мо додаанд. Наврӯзи мо дар рушди мост. Манқурт будан баробар бо марг аст. Аз ин ҷост, ки ба ин ҳаракати наврӯзӣ бояд бипайвандем ва бо раҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи фардои дурахшон биравем.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# МУБОРАКТАР ШАБУ ХУРРАМТАРИН РӮЗ

**Бо ниҳон доштани ҷаҳони маънӣ дар худ ҷашни Наврӯз, ки Саъдии бузургвор онро «мубороктар шабу хуррамтарин рӯз» номида, падидаест ниёз ба ковишу таҳқиқоти ҷомеъ ва амиқ дорад. Илова бар ин, ҷаҳд намудем тавассути бозгӯй намудани оину суннатҳои наврӯзии як гӯшаи дурдасту кӯҳистони кишвар хонандаро ба сайри ин минтақаи афсонавии Ватани азизамон барем.**

Наврӯзи деҳот комилан фарқкунанда аст. Дар зодгоҳи ман мардум ба ин ҷашн муҳаббату муносибати хоса доранд.

Дар ин гӯша маросиму оини ҷуфтбаророн, хонабаророн ё хонасафедкунӣ, оташафрӯзон, гулгардонӣ, суманакпазӣ, дастгирии ятимону бепарасторон ва дигар амалҳои хайр таври васеъ роиҷанд. Ташкилу баргузории чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла аспдавонӣ, гӯштигирӣ, инчунин, шеърхонӣ, ба бар кардани либосҳои миллӣ ва намоиши онҳо, омода намудани таомҳои миллӣ аз гиёҳу растаниҳои баҳорӣ аз оинҳое мебошанд, ки мардуми зодгоҳи ман онҳоро дар рӯзҳои наврӯзӣ бо шавқу завқи зиёд анҷом медиҳанд. Ҳатто дар замони шуравӣ, ки муносибат ба ин ҷашн то андозае манфӣ буд, мардуми рустоӣ онро зери пӯшиш - мансуб донистан ба соҳаи кишоварзӣ таҷлил менамуданд. Ҳамдеҳаҳо Наврӯзро на танҳо ҳамчун мероси пурғановати фарҳангиамон таҷлил менамоянд, балки барои омӯхтану барқарор кардани оину русуми азбайнрафтаи он талош доранд. Онҳо хуб медонанд, ки эҳёи анъанаҳои миллӣ, расму русуми бобоӣ ва густариши онҳо хидмати шоиста буда, ба наслҳои оянда мерос гузоштан вазифа ва қарзи ҳар як фарди кишвар маҳсуб меёбад.




Ҳамасола бо фарорасии Наврӯз пеши назарам лаҳзаҳои таҷлили он дар зодгоҳ падид меояд. Бо фарорасии ин хуҷастаҷашн сокинони ин русто дар навбати аввал кӯшиш ба харҷ медоданд, то худро аз душманӣ, кудурат, бухлу ҳасад ва пиндору андешаҳои номатлуб орӣ намоянд ва қалбҳоро маъвои меҳру муҳаббат ва ваҳдату ҳамбастагӣ созанд. Бо ин мақсад меҳтарони деҳа, ки миёнашон падари камина низ буд, барои оштӣ додани онҳое, ки бо ҳам ғубори хотир доштанд, иқдом менамуданд. То ҳанӯз дар гӯшҳоям суханони падар - «яке аз ҳикматҳои инсондӯстонаи Наврӯз аз қалбҳо зудудани кинаву адоват, бахшидани гуноҳи ҳамдигар, таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмӣ мебошад», садо медиҳад.

Мо, кӯдакон, фарорасии ин ҷашнро бесаброна мунтазир мешудем. Дар арафа, се рӯз пеш аз ид, модарам кӯрпаву болишт, қолинҳоро ба берун баровардa меафшонданд. Зарфҳоро аз нав шуста, ба ҷояш мегузоштанд. Падарам ба мо дастур медоданд, ки шохҳои хушкидаи дарахтонро бурида, заминро побел намоем. Як рӯз қабл аз ҷашн бонувони хонавода барои ороиши хони наврӯзӣ ба пухтупаз машғул мешуданд. Аз алафу ҳулбаҳои дубаргаю себарга самбӯса мепухтанд, ҳалвои бедуду кунҷидӣ, кулча, нонҳои равғанини сияҳдонаву кунҷитдор, шириниҳои дигар тайёр мекарданд. Таоми хосаи наврӯзӣ - умочро дар шаби ид барвақттар мепухтанд, то ба ҳамсояҳо ва хешу табор фиристанд. Бояд гуфт, ки умоч таърихи тӯлонӣ дошта, аз орди гандумӣ ва об омода мегардад. Барои ин гандумро бо сангҳои махсус орд карда, бо истифода аз об саққочаҳои хамирии ҳаҷман хурд омода месозанд. Сипас, аз ин саққочаҳо ва маҳсулоти донагӣ умоч тайёр карда, хона ба хона тақсим менамоянд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ВАСЛИ ДЕҲҚОНУ БАҲОР

**Дидани маликаи хушхирому гулбасар - Баҳор, ки бо қади чун сарв, накҳати ҷонбахш, гесувони дарози пуртароват, ки чун абрешими борон то ба домон мавҷ мезад, ҳаловате дошт ва гоҳе шамолаке якнавохт зулфони пурпечутоби Баҳорро ба ҷунбиш оварда, маҳин-маҳин ба китфу бозуи марди Деҳқон ҳавола медод...**

Деҳқон бо пайкари қавию бозувони обутобёфта, ҷомаи беқасабу миёни баста, пешонаи фароху табассуми ширин, бо умеди баракати рӯзгор ба сӯйи Баҳор менигарист. Аз нигоҳи пурмеҳри ӯ пайдо буд, ки мехоҳад бар замини муқаддас донаҳои ишқ бипошаду гавҳари мақсуд бирӯёнад. Бо ин таманно ӯ шукронаи Баҳор мекард, ки дар бараш нишастаасту нафаси тозааш руҳро менавозад. Ин ҳамон Баҳорест, ки бо шӯру шавқ пазмони омаданаш буд, ҳамон пазмоние, ки ба ӯ қувваю неру мебахшид.

Дили Деҳқон пур аз ҳарфҳои ногуфта буд. Ҳарфҳое, ки бояд ба Баҳор бигӯяд, вале бо дидани Баҳори гулафшон муҳри хомӯшӣ бар лаб зад. Моту мабҳути ӯ шуда буд.

Дигарбора ба рухсори мунаввару гулгуни Баҳор чашм андохт. Ниёзу хоҳиши ӯ дар нигоҳаш мавҷ мезад. Баҳор аз ин нигоҳ муҳаббати бепоёни Деҳқонро ҳис кард. Хуршед дар осмон лабханд зад ва пушти пардаи ҳарири абрҳо пинҳон шуд. Қатраҳои борон мисли марворид бар сари Деҳқон рехтанд. Баракат худро ошкор сохт.

Баҳор ҳам ки ҳавои Деҳқонро ба сар дошт, аз ишқи Деҳқон сабзтару зеботар шуд. Аз хаёли рангини ӯ дар фазо рангинкамон ба ҷилва даромад, ки басе нишотангезу фараҳфазо буд. Хонаи дили Баҳор равшан ва олами тасаввуру пиндораш гул кард ва лаб ба сухан кушод:

**Ман баҳорам,**
**Ман баҳори орӣ аз гарду ғуборам.**
**Ман баҳори сабздоман,**
**Ман баҳори гулнисорам.**
**Аз қудумам гул кунад дашту даман,**
**кӯҳу биёбон,**
**Сабз гардад донаи пошидаи Бобои**
**Деҳқон.**
**Омадам ман аз сари кӯҳи Бадахшон,**
**Аз диёри ганҷдорон.**
**Аз макони лаъл, аз водии Ғорон,**
**Бо суруди обшорон,**
**Бо навои нарми борон,**
**То бисозам шод дилҳои ғарибон.**



Дарвозаи шаҳр боз шуд. Корвони маҳсулоти кишоварзии чаҳор ноҳия бо рамзҳои наврӯзӣ ва мусиқию таронаву рақс ва мардуми шоду хандон бо руҳияи баланди саршори шукгузорӣ аз сарзамини шукуфону гулфишони Тоҷикистон аз чор самт вориди базмгоҳ гардиданд. Базмгоҳе, ки мисли ҳар сол бо риояи сунатҳои аҷдодӣ, анъанаҳои мардумӣ, ҳунарҳои бонувони гулдаст, фарҳанги бою ғанӣ ва хонҳои хӯрокҳои миллӣ пероста буд.

Намоишномаҳои идона ташкил гардид, ки аз фаровонии Ватани маҳбубамон дарак медод. Инчунин, дар намоишгоҳҳо гулхан, ки рамзии иди Наврӯз мебошад, барафрохта шуда, аз ҷониби ҳунармандон мусиқиҳои дилнавоз, рақсҳои дилкаш ва саҳнаҳои ҷолиб намоиш дода шуд. Мардуми меҳан бо як шӯру шавқ ва бедордилӣ тамошобини намоишгоҳҳо буданд. Маликаи Наврӯз - Баҳор ва марди Деҳқон бо садои карнаю даф ба ҳам расидану аз фарорасии Наврӯзи фархундапай мужда доданд.

Баҳори гуларӯсак нимтаъзиме карду ин хушрӯзиро ба Деҳқон табрик гуфт. Абрӯвони камону тири нигоҳи ӯ ба дили Деҳқон беасар намонд. Ӯ ба умеди рӯзгори хурраму саршори нишот ба Баҳор дасту дил доду по ба пои ӯ дар кӯчаҳои шаҳр ба қадамзанӣ даромад. Ин лаҳзаҳо гӯё рӯйи замин фақату фақат Баҳору Деҳқон қадам мезада бошанд. Тамоми мардум ба ҳардуи онҳо зеҳн монда буданду аз онҳо чашм намеканданд. Аз нур рӯи Баҳору Деҳқон ҷилои дилрабое дошт. Ин ҷуфти фархундаиқбол аз баракату фаровонӣ дарак медоданд ва рамзи ростини Наврӯзи Ватан гаштанд.

Деҳқон ба васли Баҳор расид, дунё зебою рангинтар гашт ва зиндагӣ пайғоме аз хони пурнозу неъмат овард. Зиҳӣ, Баҳору Деҳқон ва Наврӯзи фархундапай!

**Гулбаҳор РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

# БО САДОИ ДАФУ ЧАНГ НАВРӮЗ МЕРАСАД

**Ҳанӯз шафақ надамида буд, ки аз кӯча баробари савти дафу чанг садои марде баланд ба гӯш расид: Ҳооой мааардууум, Наааврӯӯӯз ооомааад, Наааврӯӯӯз! Ин садо, ки марғуладор буду оҳанги мутантан дошт, ба мо - бошандагони шаҳр аз фарорасии Наврӯз паём медод. Кӯдакон зери навои дилнишину руҳбахши мусиқӣ аз хоби ноз бархоста, ҳамагӣ ба айвони хона тохтанд. Аҷаб манзараи зебое: аз роҳ фойтунҳо бо аробаи мунаққаш мегузаранд. Дохили он мутрибон оҳанг менавозанд. Он аз пироҳани гулдӯзию чакан, ки бонувон ба бар доранд, гулпӯш аст.**

аҷдодиро пажӯҳиш намуданд, ки ин боиси эҳёи оинҳои фаромӯшшудаи Наврӯз гашт ва онҳо ҳамасола, ҳини таҷлили ин ҷашн иҷро мегарданд.

Фойтунҳо аз назди хонаи мо дур шуданд. Ҳамин, ки аз назар ғоиб гаштанд, кӯдакон ба суол додан оғоз карданд: Оча, Наврӯз аз куҷо омадааст? Ба куҷо меравад? Замони кӯдакии Шумо Наврӯз буд?... Аз шунидани ин суолҳо хушнуд шудам. Шод гаштам, ки фарзандонам решаҳои худро мепӯянд. Ман ба ин боварам, ки дарёфти посух фарзандони моро ба гузаштаи ниёгони худ ошно месозад, аз асли хеш дур шудан намемонад. Ин ҷодаест, ки онҳоро ба шинохти дурусти худ

Ҳамин, ки фасли сармо паси сар шуда, табиат пироҳани сабз ба бар менамуду сияҳгӯш - аввалин гӯли баҳорӣ аз хок сар бурун мекард, мардум ба Наврӯз омодагӣ мегирифтанд. Онро дар базмгоҳҳои махсус, ки барои таҷлили Наврӯз бунёд мегашт, ҷашн мегирифтанд. Бонувон аз аввали шаб то субҳ суманак мепухтанду орзу мекарданд Худованд онҳоро то ба Наврӯзи дигар саломат расонад. Гулхан афрӯхта, марду зан аз болои он меҷаҳиданд, то сурхрӯ бошанд. Пироҳани нав ба бар мекарданд, аз гуноҳи ҳам мегузаштанд.

Модарон бо сад умеду орзу барои духтаронашон чакан медӯхтанд, то зиндагиашон мисли чакан рангоранг бошад. Офтоб дар домони покашон бидурахшад, чун забонаи оташ сурхрӯ бошанд. Боз рамзи туморро дар он ҷо медоданд, то ҷигарбандонашонро аз офатҳо эмин нигоҳ дорад.

Бале, замони кӯдакии мо низ Наврӯз буд. Мо ҳам бо пироҳани оростаи чакан, рӯи теппаи деҳа, ки аз омадани Наврӯзу баҳор лолазор мегашт, ин ҷашнро пешвоз мегирифтем. Наврӯз дар пироҳани чакани мо ба ҳазор ранг мерасид. Мерақсидем, шеър мехондему шодӣ мекардем, аммо он фақат ҷашни рақсу сурудхонӣ нест. Эҳёи табиат, замони киштукор низ мебошад.

Ёд доред, чанд рӯз пеш мо хонатаконӣ доштем. Ҳамроҳ кӯрпачаҳоро ба офтоб баровардем, дару тирезаҳоро пок кардем, косаҳои шикастаро аз хона берун андохтем. Ин ҳам аз оинҳои Наврӯз мебошад, аммо бидонед, балки ҳаргиз аз ёд набророед, ки аз ҷашнҳои бостонӣ ба мо фақат Наврӯз мерос намондааст. Агар Наврӯз дар баҳор таҷлил шавад, Сада дар зимистон, Меҳргон дар тирамоҳ ва Тиргон дар тобистон ҷашн гирифта мешаванд. Ин ҷашнҳо дар тамаддуни ҷаҳон падидаи нодир мебошанд, ки бо шарофати Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё шуданд ва мо онҳоро бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил менамоем.

Пурсидед, ки Наврӯз куҷо меравад? Наврӯз баробаршавии шабу рӯз низ мебошад, ки он ҳар сол 20 ё 21 март фаро мерасад. Нуҷумшиносон мегӯянд, ки ин тафовут бо далели таъсири ҷозиба дар гардиши Замин аз ҷониби дигар сайёраҳо ба вуҷуд меояд. Баробаршавии шабу рӯз дар ҳоле рух медиҳад, ки Офтоб аз нимкураи ҷанубии осмон ба нимкураи шимолӣ мегузарад. Яъне, ин ҳодиса - баробаршавии шабу рӯз дар вақти муайяни сол рух медиҳад. Акнун бигӯед, ки вақтро дошта мешавад? На! Наврӯзро хам дошта наметавонем. Бо дигар шудани фасли сол, бо гузшти вақт меравад, аммо барои ҳамеша на. Дар ҳамин вақти соли дигар дарамонро мекӯбад. Замин месабзаду нарм мегардад, то аз дилаш боз сияҳгӯш бурун ояд, дони бо сад умед киштаи деҳқон бисабзаду самар диҳад...

Замоне нотавонбинон намехостанд Наврӯз миёни мардум ҷашн гирифта шавад ва барои ин садҳо далел меоварданд. Бале, азизонам Наврӯз ин гуна тирарӯзҳоро низ пушти сар намуда, аммо саодати баланди мост, ки он имрӯз дар симои Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пуштибон дорад. Ин ҷашнро дигар касе аз мо гирифта наметавонад, зеро бо шарофати Роҳбари давлати мою роҳбарони чанд кишвари дигар Наврӯз ҷаҳонӣ шуд.



**Ҷавони тануманди болои асп, ҳамоно пайғом мерасонад: Нааааврӯӯӯз ооомааад, Наааврӯӯӯӯӯз!**

Кӯдакон нахуст сӯи мутрибон даст афшонда, сипас дар айвон хеле рақсидаанду шодӣ карданд. Аз айвони хонаи ҳамсоя ва биноҳои баландошёнаи рӯ ба рӯ низ садои ханда ба гӯш мерасид. Онҳо аз дидани манзараи зебо, шунидани оҳангҳои қалбошӯб хурсандӣ мекардаанду ман бештар аз эҳёи боз як оини Наврӯзи ниёгон дар рӯзгори хеш.

Наврӯз дар гузори таърих бо сабабҳои мухталиф бисёр оинҳои худро аз даст дод. Баъзе урфу одатҳои он фақат дар хотираи таърих боқӣ монда буд. Бо шарофати истиқлоли давлатӣ, лутфи Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳаққиқон ҷанбаҳои гуногуни ин ҷашни ва олами атроф мерасонад. Ба ин хотир, ҳар чӣ аз боби ин ҷашни бостонӣ ва оинҳои он хонда будаму медонистам, барояшон қисса кардам:

- Наврӯз оинаеро мемонад, ки асли моро таҷассум мекунад. Агар хоҳед худро шиносед, ба Наврӯз рӯ оваред. Тамоми урфу одат, анъанаҳои миллӣ, тарзи зисту зиндагии мардуми моро аз розҳои ошкору ниҳони он метавон дарёфт. Он аз давраҳои қадим ба рӯзгори мо расида, дар умри тӯлонии худ шоҳиди воқеаҳои зиёде мебошад, ки дар гузори таърих ба сари миллати мо омадааст.

Мегӯянд аввалин бор онро шоҳ Ҷамшед ҷашн гирифтааст. Шояд ҳамин гуна бошад, аммо баъдтар бобокалонҳои мо онро аз бобокалонҳояшон ба мерос гирифта, то ба замони мо оварда расонданд.

Акнун бо шарофати Наврӯз ҳамасола аз 21 то 24-уми март дар кишвари мо рӯзҳои истироҳат эълон мегардад. Ин имконияту шароитро роҳбарияти Ҳукумати кишвар барои он фароҳам оварда, ки тавонем оини дигари наврӯзиро ба ҷо орем. Яъне, ба аёдати наздиконамон шитобем, аз ҳолу дили ҳамдигар огоҳ шавем. Худо хоҳад, ин баҳор ҳамроҳ ба аёдати бибиатон меравем.

Нақли кӯтоҳамро дар бораи Наврӯз ба поён расонда, дидам, ки кӯдаконам мутаҳайиранд. Шояд ба худ меандешанд, ки чӣ гуна як ҷашн метавонад дар худ ин ҳама шукӯҳу зебоию сабзишу покиро бигунҷонад. Аммо ҳақиқат ҳамин аст.

Ба равзана менигараму мебинам шаҳр худро пурра аз оғӯши кокулони сиёҳи шаб раҳо карда, шафақ дамидааст. Тирезаи хонаро мекушоям, дарахтон, гулу майсаҳо аз шабнам басо ороста гаштаанд. Хона дар як он аз боди серуни саҳар, ки ба машом бӯи баҳорро меорад, пур мегардад. Одамон шитоб доранд, сӯи Наврӯзгоҳ. Охир, ҳанӯз шафақ надамида мунодӣ аз фарорасии Наврӯз пайғом оварда буд.

Ба кӯдаконам менигараму мегӯям: Хезед, беҳтарин либосҳоятонро ба бар кунед, ба Наврӯзгоҳ меравем. Ҳар чӣ аз Наврӯзу оинҳои он гуфтам, ба чашми сар хоҳед дид. Хезед...

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ҶАШНИ ҲАМАГОНӢ ВА ПАЙКЕ ЗИ АМОНӢ

**Наврӯз, ки таърихи беш аз 6000-сола дорад, бузургтарин ҷашни миллии тоҷикон ба ҳисоб меравад. Наврӯзи Аҷам қадимтарин ид дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, ифодагари арзишҳои миллӣ ва суннату анъанаҳои қадими ориёнажодон, аз ҷумла мардуми куҳанбунёди тоҷик мебошад. Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб бамаврид фармудааст:**

**Базми гул дар чамани Наврӯз аст,**
**Даври гул - гулфикани Наврӯз аст.**
**То ба гардун сухани Наврӯз аст,**
**Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.**



Бо ибтикор ва саъю талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Наврӯз дар мамлакат марҳала ба марҳала шукӯҳи бештар касб карда, соли 2010 тибқи қатъномаи СММ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ пазируфта шуд ва соли 2016 ба Феҳристи мероси ғайримоддии ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид.

Сарвари давлат дар ин хусус 21-уми марти соли 2016 чунин таъкид намуданд: «Наврӯз, ки дорои сифатҳои инсонпарваронаи некиву накукорӣ, бахшишу меҳрубонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ мебошад, ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфта, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷлил карда мешавад. Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба ҳайси ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шудани Наврӯз гувоҳи он аст, ки одамони сайёра ба ин оини воқеан ва моҳиятан фарҳангию инсонпарварона эҳтиром доранд ва онро ҳамчун воситаи сулҳу субот, покию садоқат ва зебоию бедорӣ эътироф менамоянд».

Муҳим он аст, ки ҷашни ниёкони моро дар дигар кишварҳо низ бо номи аслиаш - Наврӯз ид мекунанд, ки боиси ифтихор аст. Дар зер таври мухтасар шеваи таҷлили ин ҷашнро дар баъзе мамолик бозгӯӣ менамоем.

### ЭРОН

Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон рӯзҳои охири фасли зимистон омодагӣ ба Наврӯз оғоз мешавад. Аз даҳаи якуми Исфандмоҳ (феврал) занони эронӣ гандум, наск ё дигар донагиро месабзонанд. Дар суфраи идона моҳии қирмиз (сурх) ҷойгоҳи хос дорад. Иддае ақида доранд, ки ҳангоми ивазшавии сол (20-21 март) ин навъи моҳӣ лаҳзае аз ҳаракат бозмемонад. Гузоштани оина дар хони наврӯзӣ низ роиҷ буда, рамзу ҳикмат дорад. Ғайр аз ин, бо мақсади баракат ҷустан болои суфра гузоштани Қуръон низ маъмул мебошад.

Суфраи ҳафтсин аз саману (суманак), санҷид, себ, сирко, сикка (танга), сипанд ва сир (сирпиёз) иборат аст.

Яке аз оинҳои наврӯзӣ пок сохтани манзилу муҳити зист аст. Тибқи ривоят Наврӯз рӯзи некуист барои ҳама корҳо, хариду фурӯш, дарахтшинонӣ, зироаткорӣ ва ғайра.

Рӯзи Наврӯз аҳли хонавода бо сарварии падару модар, падарбузургу модарбузург гирди дастурхони идона ҷамъ меоянд. Ҳамасола чанд рӯз пештар тавассути радиою телевизион ва рӯзномаҳо соату дақиқа ва ҳатто сонияи аниқи ивазшавии сол эълон мешавад. Ҳангоми ивазшавии сол бузургони хонавода дуои навшавии солро мехонанд: «Худоё, ҳоли моро тамоми сол неку бигардон!».

### АФҒОНИСТОН

Дар ин кишвар Наврӯзро қариб 40 рӯз ҷашн гирифта, дар минтақаҳои гуногун ҳар хел ном мебурданд. Маъруфтарини онҳо «Ҷашни гули сурх» (вилояти Балх), «Ҷашни Молон», «Ҷашни Имоми Шашнур», «Ҷашни Хиёбон», (вилояти Ҳирот), «Ҷашни Хоҷа Сафо», «Ҷашни Арғувон» ва «Ҷашни Корез Мир» (шаҳри Кобул) мебошанд.

Наврӯз, алалхусус, дар маркази вилояти Балх шаҳри Мазори Шариф бошукӯҳ ҷашн гирифта мешавад. Ба ин ҷо аз тамоми вилоятҳои Афғонистон меҳмонон меоянд.

Рӯзи Наврӯз дар Мазори Шариф бо дуои пирони равшанзамир маросими «Ҷанда боло» баргузор мешавад. Парчами бузурге, ки онро «Парчам (ҷанда)-и ҳазрати Алӣ» меноманд, бардошта мешавад. Кишоварзон бо умеди ҳосили фаровон ба кишти зироат шурӯъ мекунанд, боғдорон ниҳол мешинонанд.

Дар арафаи Наврӯз мусобиқаҳои гӯштигирӣ ва бузкашӣ баргузор мегарданд. Дашту даман дар айёми Наврӯз қабои сабзу сурх ба бар мекунад. Лола ончунон зиёд мерӯяд, ки қолини сурхро ба ёд меорад. Шояд аз ҳамин сабаб Наврӯзро дар Балх «Ҷашни гули сурх» меноманд.

Дар арафаи ид домодҳо ба манзили падарарӯси худ идонаву ҳадяҳо мебаранд. Ғайр аз либоси идона домод ба арӯси худ моҳии тоза, меваю кабудӣ низ мефиристад. Дар ҳар хона суманак мепазанд. Суруди суманакпазии тоҷикони Афғонистону Тоҷикистон аз ҳам фарқ надоранд.

Баъд аз 40 рӯзи ҷашнгирии Наврӯз дар шаҳри Мазори Шариф маросими «Ҷанда поён» доир гардида, парчамро поён мефуроранду аз Худованд файзу баракату саломатӣ мехоҳанд.

### ПОКИСТОН

Баъд аз он ки Маҳмуди Ғазнавӣ як қисми нимҷазираи Ҳинд (ҳудуди имрӯзаи Ҳиндустону Покистон)-ро фатҳ намуд, аз ҳамон давра баъзе расму оини мардуми форсинажод, аз ҷумла Наврӯз низ, дар нимҷазираи Ҳинд паҳн гардид.

Баъди нимҷазираи Ҳиндро забт кардани англисҳо ҷашни Наврӯз дар ин сарзамини паҳновар аҳамияти худро аз даст дод. Танҳо баъзе мусулмонон ё афроди эрониасл, балуҷҳову ҳазораҳо Наврӯзро дар доираи маҳдуд ҷашн мегирифтанд. Баъдан онро ба номи тоҷикии «Ҷашни баҳорон» таҷлил мекарданд.

Ҳоло «Ҷашни баҳорон» ба Иди миллии Покистон (23-юми март) рост меояд. Дар ин давра донишгоҳу мактабҳо то 15 рӯз таътил мекунанд. Мусобиқаҳои варзишӣ ва бодбаракбозӣ баргузор гашта, фурӯши маҳсулоти идона доир мегардад.

### ОЗАРБОЙҶОН

Дар Озарбойҷон Наврӯз чун Эрон ҷашн гирифта мешавад.

Рӯзи якуми Наврӯз дар Озарбойҷон мардум субҳи барвақт дар рӯду чашма ё ҷӯй, дасту рӯй мешӯянд, ба ҳамдигар об мепошанд, зеро об рамзи покиву тароват аст. Субҳи ид истеъмоли ширинӣ (асал, қандчой, кулчаи қандин, мураббо) фоли нек аст. Барои сокинон дуд кардани хушбӯӣ (сипанд, уд) рамзи эмин будан аз қувваҳои нопок маҳсуб мешавад. Вобаста ба ин ҷашни бостонӣ парад, консерт, намоишномаҳои театрикунонидашуда баргузор мегардад. Яке аз чорабиниҳои ҷолиб ҳаракати корвони шутурҳо ва фойтунҳои ҳомили Деде Горгуд (Бобои Деҳқон), Баҳор қизи (Маликаи Наврӯз), Кечала ва Кёси мебошад, ки мардумро бо фарорасии Наврӯз табрик мекунанд.

Дар суфраи идона озариҳо илова ба ҳафтсин оина, шамъ ва тухми рангкарда мегузоранд.

### ТУРКИЯ

Дар Туркия Наврӯзро, асосан курдҳо, озариҳо, туркманҳо ва туркҳои масҳатӣ таҷлил мекунанд. Эътиқоде вуҷуд дорад, ки ҳар чизи дар рӯзи Наврӯз ба назаррасида тамоми сол ҳамсафари кас мешавад. Аз ин рӯ, пеш аз фарорасии Наврӯз сабзаи гандум ё ҷав ва пулро, ки рамзи фаровониянд, наздики худ мегузоранд, то чашмашон аввал ба онҳо афтад.

Дар шаҳру деҳоте, ки Наврӯз таҷлил мешавад, мардум гулхан афрӯхта, маросими аловпаракро ба ҷо меоранд. Дар суфраи идона самбӯсаи алафӣ бо исфаноҳ (испалок), тухми бо пӯчоқи пиёз рангкарда, қанду ҳалво ва дигар шириниҳо мегузоранд.

### ТОТОРИСТОН

Кӯдакони тотор дар айёми Наврӯз хона ба хона гашта, таронаҳои идона мехонанд ва соҳибхона ба онҳо туҳфа (тухми рангкарда, ширинӣ, биринҷ, нахӯд, арзан, гандум, ҷав) медиҳад. Ин маросимро «Наврӯз эйтеп йору» меноманд, ки ҳамон гулгардонии тоҷикон аст.

Тоторҳои Қрим шеъри идонае доранд, ки ду мисраи он тоҷикист:

**Наврӯз муборак бод!**
**Шодӣ бод, шодӣ бод!**
**Шукур қилдим Худога,**
**Салавотималарга,**
**Муҳаммад Мустафога,**
**Наврӯз муборак бод!**

Тоторҳо низ пеш аз Наврӯз сабзаи ҷави русӣ (бомус, овёс) ва кулча тайёр мекунанд. Дар рӯзи ҷашни Наврӯз мусобиқаҳои варзишӣ ва намоишҳои театрикунонидашуда баргузор мешавад. Зеботарин духтари маҳал - «Наврӯзбика» рамзи зимистони қаҳратун – «Қиш бой»-ро гусел мекунад, то ки мавсими гармо фаро расад.

### ҚАФҚОЗ

Мардуми Балқар, Доғистон (лакҳо, лезгинҳо), Қарачай низ Наврӯзро аз қадим ҷашн мегиранд. Дар ҳар маҳал шаби 21 ба 22-юми март дар 7 майдон гулхан меафрӯзанд. Бисёриҳо бо нияти дур шудан аз чашми бад, рафъи бемориҳо ва дигар ноҷӯриҳо ҳафтборӣ аз болои оташ меҷаҳанд. Таоми наврӯзии мардуми Қафқоз мисли мастоба буда, аз дони ҷуворӣ, ҷав, лӯбиё, нахӯд ва картошкаю гӯшти қима пухта мешавад.

### ТУРКМАНИСТОН

Дар арафаи Наврӯз шохчаҳои муғчадори зардолу, себ ва бедро дар кӯза ё зарфҳои обдор мегузоранд. Субҳи ид аҳли хонавода либоси нав ба бар карда, гирди дастурхон ҷамъ мешаванд. Ба муносибати Наврӯз фатир, кулча ва самбӯсаи алафӣ мепазанд. Дастурхони ҳафтсини туркманҳо мисли мардуми Эрон аст, вале ба ҷои сикка дар суфраи идонаи Туркманистон сиёҳдона мегузоранд.

Туркманҳо чунин ақида доранд, ки агар дар рӯзи Наврӯз ҳаво абрнок бошад, чунин ҳаво то моҳи июн боқӣ мемонад, агар рӯзи ид барф ё борон борад, соли фаровонҳосилӣ мешавад.

Наврӯз дар Ӯзбекистони ҳамсоя чун дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомат мегузарад ва оинҳои наврӯзӣ аз ҳамдигар фарқ надоранд. Дар Қазоқистону Қирғизистон низ мисли мо дар арафаи Наврӯз суманак мепазанд ва онро «сималак» мегӯянд.

Ҷашни бостонии Наврӯз, инчунин, дар Чин (тоҷикон, уйғурҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, дунганҳо), Ҳиндустон (порсҳо, исмоилиҳо, шиаҳои ҷаъфарӣ), Албания бо номи «Дита и Султан Наврӯзӣ» (Рӯзи Султон Наврӯз), Курдистони Ироқ ва Бошқирдистони Федератсияи Россия таҷлил мешавад.

Дар маҷмуъ, Наврӯз дар ҳар куҷое, ки таҷлил гардад, рисолати деринаи худ - сулҳ ва ҳамбастагиро тақвият бахшида, дӯстию бародариро миёни қавму миллатҳои гуногун меафзояд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# МУБОРАКТАР ШАБУ ХУРРАМТАРИН РӮЗ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Рӯзи ид, саҳарии барвақт, модарам моро аз хоб бедор мекарданд ва либосҳои нав мепӯшидем. Аз субҳ бригадири колхоз ва дигар масъулин тибқи мувофиқаи бо меҳтарони деҳа ҳосилшуда хабар медод, ки дар сари фалон замин ҷуфтбаророн доир мешавад. Шояд дар дигар манотиқи кишвар таомул дигар буд, вале дар ноҳияи Айнӣ замони шуравӣ ҷашни Наврӯзро зери ниқоби ҷуфтбаророн таҷлил мекарданд. Агар гӯям, ки он замон ин ду вожа мантиқан ва моҳиятан ба синоним табдил ёфта буданд, иштибоҳ нахоҳад буд. Дар навбати худ, ҷуфтбаророн аз ҷузъҳои зиёд таркиб ёфта буд. Аз ҷумла, бо баромади нури офтоб ҳама хурду калон дар сари замин ҳозир мешуданд ва бозиҳои наврӯзӣ, аз қабили хурӯсҷанг, кабкҷанг, тухмҷанг, сангакбозӣ, чилик-милик, гӯштигириву аловпарак оғоз меёфт. Пирони рӯзгордида яктаҳ ва ҷомаву саллаи оҳарӣ дар тан сари замин меомаданд. Ҷавонон ҷуфти барзаговҳои кориро ба сари замин мебурданд. Мӯйсафедон юғу сипорро ба говҳо мебастанд. Шох, тахтапушт, гардан ва думи говҳоро равған мемолиданд, ки дар шуои офтоб ҷило медод. Тухмипош гандумро ба замин мепошид. Мӯйсафеди аз ҳама калонсол дуо медод: «Худоё, донаи моро сабз гардон, киштаи моро сероб намо, ҳосили моро фаровон гардон, тинҷиву амониро ато намо». Аз хурд то бузург ҳама даст ба дуо мебардоштанд ва ҷуфтбаророн оғоз мегардид. Баъд аз фотеҳаи дастархон пирамарди деҳқоне аз як гӯшаи замин ба шудгор намудан шурӯъ мекард. Чун ба он канори мазраи замин мерасид, муштаи сипорро ба дасти ҷавоне медод. Қобили зикр аст, ки маъракаи ҷуфтбаророн рӯзи сеюми ҷашн доир мегардид.

Омодасозии таомҳои миллӣ низ яке аз ҷузъҳои ҷуфтбаророн маҳсуб шуда, занҳои деҳа дар соати муқарраргардида мувофиқ ба қудрату тавоноӣ таом пухта, дар табақҳои калон ба сари замин меоварданд. Аз ҷумла, дар деги калон фарбеч пухта, ба мардум тақсим мекарданд. Фарбеч таомест, ки аз куфтаи гандум, гӯшт ва лӯбиёгиҳо омода мегардад. Табиист, ки дар ин миён суманак мавқеи хоса дошту дорад. Дар деҳа пухтани суманак маросими хоса маҳсуб шуда, қоидаҳои муайян дорад. Дар он занони фаъолу обруманд, онҳое, ки дар дастархонороӣ намуна буданд, нақши асосӣ доранд. Маҳз, онҳо бо нияти нек ва дуову орзуҳо ин маросимро ҳусни оғоз мебахшиданд. Ҳезуми суманакро қаблан омода мекарданд ва дар ин раванд арча аз афзалият бархӯрдор буд.



Ҷавҳари ин маросим бо навбат кофтани дег ба ҳисоб рафта, таги дег бояд нагирад, яъне суманак насӯзад. Барои пешгирӣ ҳафт санг ё чормағзро даруни дег мепартофтанд. Тавре модарам мегуфт, бо сӯхтани суманак таркибаш вайрон мешаваду ба атроф бӯйи нофорам паҳн мегардад. Он айём ҷойгоҳи занони барои омодасозии суманак масъул даври дег буд. Суруду тарона мехонданд, даф мезаданд. Андешае роиҷ буд, ки зимни кофтани дег дарду ғусса, кина ва дигар бадиҳо аз дил зудуда мешавад. Ҳамдеҳаҳои ман мутмаинанд, ки суманак ғизои покон буда, бо чашиданаш орзуву ормон амалӣ мегардад.

Хеле ҷолибу рамзӣ аст, ки волидон дар ҷуфтбаророн фарзандонро ҳамроҳ мегирифтанд, то дар назди калонсолон нишастанро омӯзанд, аз одоби таомхӯрӣ, муоширати ва ғайра бархӯрдор гарданд. Ҷуфтбаророн то бегоҳ идома меёфт. Он рӯзро ҳама бо хушиву хурсандӣ ва сериву пурӣ мегузаронидананд. Ҳамин тавр, пагоҳ боз дар маҳаллаи дигар ин маросим баргузор мешуд ва як ҳафта идома меёфт.

Оташ афрӯхтан ва аз болои он ҷаҳидан то ҳоло дар зодгоҳи ман вуҷуд дорад. Онро мардуми ин мавзеъ «аловпарак» низ мегуфтанд. Ин таомул бештар миёни занон маъмул буда, онҳо исрор меварзанд, ки оини қадимаи наврӯзист. Мегуфтанд, ки оташи муқаддас гуноҳи яксолаи одамро месӯзаду шабеҳи тифли навзод покиза мешавад.

Оини дигари наврӯзӣ, ки таваҷҷуҳи ҳамдеҳаҳо ба он хоса буд, бунёди боғҳои нав аст. Ин анъанаи нек ҳанӯз аз қадим вуҷуд дошт. Он чанд рӯз идома меёфт. Барои боғи нав ҷӯй мекашидаанду дарахтони навшинондаро об мемонданд. Наврӯзи дигар дар паҳлуи он боғ боз боғи наве бунёд мегардид.

Зимни таҷлили ҷуфтбаророн ва дигар оинҳои марбут ба Наврӯз нухбагони деҳа таъкид мекарданд, ки ин ҷашн рӯйдоди осмониву тасхиргари қалбҳои инсонист. Моҳияти таҷлили онро шарҳ дода, ба «Наврӯзнома»-и Умари Хайём истинод менамуданд, ки нигоштааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то ба Наврӯзи дигар умр ба шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат таҷлили ҷашни Наврӯз ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, дар заминаи таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон русуми наврӯзӣ комилан эҳё гардид. Кунун сокинони кишвар, аз ҷумла ҳамдеҳаҳои ман Наврӯзро бошукӯҳтар ҷашн мегиранд. Муҳимтар аз ҳама, бо талоши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳониён бо ин ҷашни миллии мо ошно ва қарин шуданд.

Омили меҳварӣ дар таърихи пайдоиш ва паҳншавии Наврӯз ин аст, ки фалсафа, ҳикмат ва мантиқи он бо ягон дин ё мазҳаб қаробат надошта, оини сирф мардумӣ ва ҷашни бузургдошти табиат мебошад. Аз ин лиҳоз, мардуми олам онро пазируфтанд.

Муҳимтар аз ҳама, ҳоло Наврӯз, ин калимаи асили тоҷикӣ, яъне рӯзи нав, барои миллионҳо аҳолии сайёра ҳамчун рӯзи ҷашни фархунда вирди забон аст. Эътирофу арҷгузорие, ки ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ метавонад, аз он ифтихор намояд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ҶАШНИ ОФАРИНИШ

**Ҷашни Наврӯз иди анъанавӣ ва таърихии халқи тоҷик аст. Бо вуҷуди дар тӯли таърих иваз шудани давлатдорӣ ва сиёсат ин ид аз миён нарафт. Бахусус, дар даврони соҳибистиқлолӣ Наврӯз шукӯҳу шаҳомати тоза касб кард. Дар ин бобат махсусан хизматҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург ва қобили эҳтирому арҷгузорист. Бо ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба Наврӯз мавқеи иди миллӣ дода шуд ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сабт гардид.**

Бо саъю талоши Сарвари давлат шукӯҳи ин ҷашни ниёгон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар саросари ҷаҳон ҷойгоҳи вижа касб кард. Бо эҳтиром ва ҷонибдорӣ аз ташаббусҳои Пешвои миллати мо ва дар ҳамбастагӣ бо сарони дигар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ин иди фархундапай аз сӯи Маҷмаи кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷашни ҷаҳонӣ эълон шуд.

Мувофиқи баъзе маълумот айни ҳол дар ҷаҳон беш аз 400 миллион нафар Наврӯзро ба ҳайси ҷашни миллии худ мешиносанду хуҷаста медонанд. Аммо нуктаи ҷолиб он аст, ки номи он дар ҳама ҷо тоҷикист, яъне онро ягон миллат ба забони худ тарҷума накардааст.



**АЗ ТАЪРИХИ НАВРӮЗ**

Оид ба пайдоиши Наврӯз дар осори бузургони илму маърифати тоҷик маълумоти фаровон мавҷуданд. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-бақия» овардааст: «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст». Ҳамчунин, ин олими бузург дар асари дигари хеш «Ат-тафҳим» Наврӯзро чунин тавсиф кардааст: «Аз русуми порсиён Наврӯз нахустин рӯз аст аз Фарвардин ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав ном кардаанд, зеро ки соли нав аст».

Муҳаққиқону бостоншиносони тоҷик зуҳури Наврӯзро беш аз шаш ҳазор сол пеш арзёбӣ мекунанд. Дар ин замина, бисёре аз донишмандон оғози Наврӯзро ба Ҷамшеди Таҳмурас - подшоҳи хирадпешаи пешдодӣ нисбат додаанд. Дар китоби таҳиянамудаи донишманди эронӣ Муртазо Ҳунарӣ «Оинҳои наврӯзӣ» аз ҷумла омадааст: «Дар давраи исломӣ Наврӯзро ба Сулаймон пайғамбар нисбат додаанд ва гуфтаанд, ки чун ангуштарини вай рабуда шуд, подшоҳӣ аз дасташ берун рафт. Пас аз чиҳил рӯз онро бозёфт. Ва фараҳи пешин ба ӯ бозгашт ва подшоҳон назди ӯ рафтанд ва мурғон ба ӯ бозгаштанд ва арониён гуфтанд: «Наврӯз омад!». Дар ин хусус дар «Осор-ул-бақия»-и Абурайҳони Берунӣ низ ривояте нақл мешавад.

**ИСЛОМ ВА НАВРӮЗ**

Ҷашни фархундаи Наврӯз ба дини мубини ислом ва муқарраротӣ динҳои дигар ихтилоф надорад, ки ин омили умри дарози таърихӣ доштани он аст. Ислом аз анъанаҳои наврӯзӣ, аз қабили тозагиву озодагӣ, аёдати ниёзмандон, бурдани дасти навозиш ба сари ятимон, шод гардонидани дили ношоде, ҳамеша истиқбол намудааст. Мо шоҳиди як навъ омезиши зебои ваҳдатгарое миёни суннатҳои наврӯзӣ ва муқаррароти динӣ ҳастем. Масалан, аз қадимулайём хонатаконӣ, поку озода гардонидани муҳити атроф ва саховату ҷавонмардӣ аз анъанаҳои хоси наврӯзӣ будааст, ки шариати исломӣ ҳам ба чунин суннату анъанаҳо арҷ мегузорад. Тавре аз мазмуни ҳадиси саҳеҳи Расули акрам (с) бармеояд: «Худованди таъоло пок аст, покиро дӯст медорад, сахӣ аст ва саховатро дӯст медорад...».

Ҷашни Наврӯзро дар баъзе аз минтақаҳои кишвари мо «Ҷашни деҳқон» ҳам ном мебаранд, ки бесабаб нест. Дар айёми баҳор, ки вақти киштукор аст, бояд ҳар лаҳзаро ғанимат дониста, софдилона меҳнат кунем. Дар хотир дорем, ки деҳқонон заҳмат мекашанд, то шароити зиндагии мардум беҳтар гардад ва маҳз тавассути араҳи ҷабини деҳқон одамон ризқурӯзии худро пайдо намуда, аз анвои маҳсулот баҳраманд мешаванд.

Имсол ҷашни Наврӯзи фархундапай ба моҳи муборакӣ Рамазон рост омад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми шодбошӣ ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон таъкид карданд: «Моҳи шарифи Рамазон имсол ба оғози фасли баҳор ва мавсими киштукор рост меояд. Баҳор фасли зиндашавии табиат ва оғози заҳмати созанда мебошад. Дини мубини ислом инсонҳоро ҳамеша ба заҳматкашӣ, касбу кор ва саъю талош барои ризқу рӯзӣ даъват мекунад. Ҳар кас дар моҳи муборакӣ Рамазон бо нияти пок заҳмат мекашад ва киштукор мекунад, на танҳо ризқи худ ва аҳли оилаашро таъмин месозад, балки ба ҷомеа низ манфиати зиёде мерасонад».

**ТАБОБАТИ НАВРӮЗӢ**

Бо фаро расидани баҳор табиат эҳё мешавад. Аз ҷумла, гулу гиёҳи зиёде аз замин сар мекашанд, ки дар баробари зебо будан, ҳамчунин, давобахш ҳастанд. Наврӯз ва умуман, фасли баҳор мавсими табобат аст. Дар ин мавзуъ бо адиб, табиби мардумӣ ва гиёҳшинос Муҳаммадрасул Иброҳимзода ҳамсуҳбат шудем.

- Дар фасли баҳор талаботи одамон ба алафу гиёҳҳо ва ғизоҳои аз онҳо омодашуда зиёд мешавад, чунки дар зимистон зери таъсири хунукӣ ва истеъмоли ғизоҳои ғайритабиӣ, серравған ва дигар омилҳо дар бадани инсон норасоиҳо ҳис мешавад. Дар натиҷа, одам худро хастаю бемадор ҳис карда, аввали баҳор бисёр касалиҳо хурӯҷ мекунанд. Бинобар ин, талабот ба гулу гиёҳ ва алафҳои баҳорӣ, ки шифобахшу нерудиҳандаанд, зиёд мешавад. Махсусан, дар оғози баҳор ва айёми Наврӯз истеъмоли пудина, сиёҳалаф, модел, торон, рошак ва хӯрокҳои аз онҳо тайёршуда зиёд мешавад. Воқеан, табиати диёри мо манбаи давоҳои зиёди табиист, ки дар мавриди дуруст истифода бурдани онҳо мо метавонем саломатии худро беҳтар намоем, - гуфт Муҳаммадрасул Иброҳимзода. - Масалан, яке аз гиёҳҳои серистеъмол пудина аст, ки дар ҳама ҷо аввали баҳор мерӯяд. Пудина хунро соф намуда, асабро ором месозад, сангҳои гурдаро мерезонад. Гиёҳи дигар чукрӣ мебошад, ки барои бемориҳои қанд, фишорбаландӣ, хуни ғафсшуда манфиатбахш буда, ҷигар ва сипурзро низ пок мекунад. Торон низ чунин хусусият дорад. Сиёҳалаф барои бемориҳои ҷоғар, қанд, фишорбаландӣ давои хуб аст.

Тавсифи табобат бо гулу гиёҳҳои баҳорӣ дар асарҳои мутафаккирони бузургамон фаровон аст. Чунончӣ, ба қавли Абуалӣ ибни Сино агар рӯзе аз 150 то 200 миллилитр шарбати баргу пояи зуфро бо як қошуқча асал ним соат пеш аз хӯрок истифода баред, аз саратони меъдаю рӯда эмин мемонед. Ҳакими бузургамон кокутӣ ва тахачро «тарёки кабир», яъне позаҳри бузург ном кардааст. Ва ё, ба гуфтаи Абуmансури Муваффақ ва Абуалӣ ибни Сино, касе аз моҳи Ҳамал (айёми Наврӯз) то Саратон ҳар рӯз як мисқол (4,5 грамм) барг ва ё ғурраи арпабодиёнро истеъмол кунад, ҳамон сол аз бемориҳои меъда, рӯда, гурда, ҷигар ва зардпарвин эмин мемонад.

Дар баҳор гули наргис мерӯяд, ки зебою ҳам давобахш аст. Абуалӣ ибни Сино мегӯяд, ки гули наргис барои рафъи кирми меъдаю рӯда, узвҳои мардона ва ғайраҳо манфиатовар аст. Бӯй кардани гули наргис гиреҳи майнаи сарро мекушояд, асабро ором мегардонад, вақтро хуш мекунад. Сино тавсия медиҳад, ки агар тавонед, ҳар рӯз як-ду маротиба гули наргис бӯй кашед, агар имкон набошад, ҳафтае як маротиба, агар натавонистед, моҳе як маротиба бӯй кашед ва ин кор ҳам ба шумо даст надод, соле як маротиба ин гулро бӯй кашед, асабатон ором мешавад.

Воқеан, Худованд ба мо - тоҷикистониён табиати бою биҳиштосо ато кардааст. Бояд аз ин шукргузорӣ кунему неъматҳои фаровонро оқилона ва сарфакорона истифода барем.

---

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ




**Наврӯз ҷашнест, ки аз файзи он сайёраи Замин неруи тоза гирифта, табиат ботароват, осмон софу беғубор, мавҷудот бедортар, қалбҳо бекина, корҳои созандагӣ густурдатар мешаванд.**

Наврӯз фараҳу шодӣ ба тифлон, хушбахтӣ ба ҷавонон, бардамӣ ба дардмандон ва осудаҳолӣ ба пирон оварда, инсонро ба растагорӣ ҳидоят мекунад. Ин ид ба аҷдодони мо марбут буда, орӣ аз ҳар гуна арзишҳои бегона аст. Муҳимтар аз ҳама, аз Наврӯз то Наврӯз пешравию ободиҳои дар Ватан дорем, ки бешарҳу тавзеҳ аёнанд.

Ҳифзу гиромӣ доштани ин ҷашни бузург дар масири таърих қаҳрамонии бемисл аст. Ҷидду ҷаҳд, ҷасорат, заковат, нангу ор, хештаншиносӣ, хирадмандии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардиданд, ки Наврӯз ҷаҳонӣ шавад.

Роҳбари давлат барҳақ таъкид намуданд, ки «Наврӯз аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Таҷлили ин ҷашн аз замонҳои қадимтарин то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи он ба ҳисоб меравад».

Тибқи таълимоти Авасто дар айёми Наврӯз эҳё дар шаш унсур - осмон, замин, об, наботот, ҳайвонот ва инсон зоҳир мегардад. Аз ин ҷумла манзалати об - манбаи ҳаёт, рамзи покизагиву ободӣ, файзу баракат ва саодату нишот хоса буда, рамзист, ки аз соли 1993-юм инҷониб 22 мартро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун Рӯзи ҷаҳонии об таҷлил менамояд.

Дар расму суннатҳои наврӯзӣ ранги сафед ҷойгоҳи хос дорад. Миллати тоҷик дар айёми қадим ба ранги сафед чун рамзи покӣ, сулҳу оромӣ ва кушоиши кор афзалият дода, ҳангоми интихоби ғизову ашё, сарулибос, анҷому ҷиҳози хона ранги сафедро интихоб менамуданд. Дар ин рӯз аксаран либосҳои сафед мепӯшиданд ва ба ғизоҳои наврӯзии рангашон сафед, амсоли шакар, шир, мост, таоми аз ширу биринҷ таҳиягардида бартарӣ медоданд. Дар суфраи наврӯзӣ себу сир ва санҷид мегузоштанд. Аз рӯи маълумоти маъхазҳо, шоҳони сосонӣ пагоҳии рӯзи Наврӯз бози сафедро ба ҳаво сар медоданд ва субҳи Наврӯзро бо ошомидани шири навдӯшида ва хӯрдани пораи панир оғоз менамуданд.

Дар Бадахшон айёми Наврӯз ғизоҳои ширӣ, монанди ширбиринҷ, ширҷӯш, ширравған, шарбат омода месохтанд. Рӯзи Наврӯз мардуми ин минтақа шохчаи тару тоза (ба таъбири мардум гулғунча) дар даст ба хонаи якдигар медароянд ва «Шогун баҳор муборак» мегӯянд. Соҳибхоназан: «Бо рӯи шумо муборак» - гӯён ба китфи рости шахси воридшуда ва гулғунча орд мепошад. Гулғунча ин маврид мужда аз сарсабзӣ, яъне эҳёи табиат мебошад.

Наврӯз дар рустоҳои Бадахшон бо маросими ҷуфтбаророн оғоз мешавад. Ибтидо деҳқонон дар хонае зиёфат хӯрда, аз Қуръони маҷид сура тиловат карда ба ҳаққи бобои Деҳқон ва арвоҳи гузаштагон дуо мекарданд. Сипас, ҷуфти барзагову олоти ҷуфтрониро ба саҳро мебароранд, ба шохҳои ҷуфти барзагов равған молида, ба сару гарданашон орд мепошанд ва ба онҳо гандумбирён мехӯронанд, ки рамзаш баракату фаровонии ҳосил мебошад.

Дар тасаввури мардуми Бадахшон рӯзи Наврӯз фариштаҳо аз осмон ба замин фаромада, ба мардум фаровонӣ, некуаҳволӣ ва хушбахтӣ меоранд. Хонаҳое, ки аз хасрӯбаву чирки порсола тоза нашуданд, манзилҳое, ки кинаву буғз ҳукмфармост, фариштаҳо дари онҳоро намекушоянд. Ҳамин ду: рӯбучини дохили хона ва оштишавии онҳое, ки бо сабабе дар миёнашон хусумат пайдо шудааст, вижагии Наврӯз мебошад.

Махсусияти дигар он аст, ки чанд рӯз пеш аз фарорасии Наврӯз дар кӯчаву майдонҳои шаҳру деҳоти Бадахшон мардони миёнасолу солхӯрда аз омадани Наврӯз ва соату замони ҷашн мужда мерасонанд. Онҳоро Донаврӯз ва Ҳоҷинаврӯз гӯянд. Донаврӯзу Ҳоҷинаврӯз либосҳои хосаи наврӯзӣ ба бар мекунанд, ки ранги алвон (сурх) доранд. Тоқии бадахшонии шероздор ба сар, рубоби бадахшонӣ ба даст, суруди «Наврӯзи баҳор омад»-ро мехонанд.

Дар деҳаҳои Бадахшон то ҷашни Наврӯз гӯсфанд ё нарбуз парвариш меёбад ва рӯзи ид дар хонаи озода онро хун мекунанд ва ин суннатро шогунӣ гӯянд. Илова бар ин, Наврӯзи Бадахшон дар мавриди баракату фаровонӣ рамзи махсус дорад. Рӯзи Наврӯз кадхудо ё соҳибхоназан ба чашма барои об меравад. Вақти обгирӣ чанд сангчаро ба даруни зарф меандозад. Вақте ки ба хона мерасад, онҳоро бо бастаи сабза аз равзанаи бом ба даруни хона партоб мекунад. Пас аз се рӯз онҳоро зери дарахти калон мегузорад. Дар ин амал чунин маъниҳо нуҳуфтаанд: сарчашма - рамзи манбаи зиндагӣ, сабза - равнақи рӯзгор, санг - нишони бақои ҳаёт, об - неруи зиндагӣ ва дарахт - ифода устувории зиндагӣ. Дар маҷмуъ, Наврӯз бо моҳияти ҳаётофарӣ, зебоипарастӣ дар такомули тамаддуни тоҷикон нақши бориз дорад.

---

**Машҳур ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

# ДИЛҲО ПОКУ КОМҲО ШИРИН

**Ҷашни Наврӯз реша дар умқи таърих дорад. Он куҳантарин ид дар фарҳанг ва тамаддуни башарист. Наврӯзро дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон «Иди сари сол» низ меноманд. Ин ҷашн хосияти ҳувиятсозӣ дорад. Ба андешаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз омилҳои муассиру тавонои пояндагии миллати мо мавҷудияти силсилаҷашнҳои аҷдодӣ, аз қабили Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон, мебошанд.**

Таърихи ташаккули Наврӯз бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста аст. Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ат-тафҳим» овардааст, ки «чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, оинҳо аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, ид гирифт». Ҳамчунин, дар ҷои дигари ин китоб чунин овардааст, ки «Аз расмҳои подшоҳон Наврӯз нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст».

Умари Хайём дар асари худ «Наврӯзнома» аз сесаду шасту панҷ шабонарӯз иборат будани ду даври офтобро нишон додааст. Ду даври офтоб, ки ба охир расид, сол поён ёфта, аввалин дақиқаҳои моҳи Ҳамал фаро расида, фасли баҳор оғоз мегардад. Табиат аз сари нав зинда мешавад, барои марди деҳқон шодию сурур меорад.

Омад-омади Наврӯз дар кишвари мо бо гулгардонии кӯдакон оғоз мешавад. Дар саҳроҳо гуле мерӯяд, ки бо номи «Ятимак» машҳур аст. Ин гул пеш аз гулҳои сияҳгӯшу зардак рӯида, аз омад - омади фасли баҳор ва зиндашавии табиат дарак медиҳад. Бачагон ин гулро чида дар деҳаҳо ид мекарданд.

Расми дигари ҷашни Наврӯз оростани дастархони идона бо 7-сину 7-шин аст. Ҳафт син ҳафт номгӯи хӯрок ё анвоест, ки аввали ҳарфаш бо С сар мешавад.

Суманак яке аз ғизоҳои машҳур буда, дар иди Наврӯз омода месозанд. Он, пеш аз ҳама, рамзи муҳаббату дӯстии мардум ва пояндагии ҳаёт аст.

Дастархони наврӯзиро бо сипанд низ оро медиҳанд. Он хусусияти давобахшӣ дошта, ба ҷуз дуд кардан истеъмол ҳам мекунанд.



Санҷидро ҳам ба дастархони наврӯзӣ мегузоранд. Дар баъзе деҳаҳо шоху барги онро, ки бӯи хуш дорад, барои ороиши дастархон истифода мекунанд. Истеъмоли санҷид барои таскини дардҳо, боқувват шудан боис мегардад.

Сир пиёзест, ки онро саримсоқ низ меноманд. Сир се навъ мешавад: бӯстонӣ, саҳроӣ ва кӯҳӣ. Навъи беҳтаринаш бӯстонии бисёрдандона мебошад.

Себро бо умеду нияти нек рӯи дастархони наврӯзӣ мегузоранд, ки сол пурфайз шавад.

Сирко як нав моеъ мебошад, ки дар тибби халқӣ онро ба бисёр дардҳо давобахш медонанд. Онро одатан аз ангур, хурмо, анҷир, шакар, оби найшакар, асал ва аз ҳар меваи обдору ширин, инчунин, аз биринҷу гандум тайёр мекунанд.

Яке аз суннатҳои Наврӯз дар гузашта чунин будааст, ки бомдод рӯзи аввали моҳи Фарвардин мардум ба ҳамдигар об мепошиданд ва шакар ҳадя мекарданд. Ин ба он маъно буд, ки то Наврӯзи дигар дилҳо аз кина пок ва комҳо ҳамеша ширин бошанд.

---

**Исломи РАҶАБАЛӢ**
**«Садои мардум»**

# ШАБЕ, КИ НАВРӮЗ ФАРО МЕРАСИД

## Ё НАҚЛҲОИ ХОТИРМОНИ МОДАР АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ СУМАНАК



**Фасли баҳор тантана дошт, шамоли форам ба кас ҳаловат мебахшид. Субҳгоҳон бӯйи муаттари гулу гиёҳҳо ба машом мерасид. Аз вазидани шамоли баҳорӣ дарахтон ва гиёҳҳои навруста мерақсиданду хушҳолӣ мекарданд. Дар чунин як аз субҳи ин фасли зебо садои баланди оғӯраккӯбӣ ба гӯшам расид. Ба саҳни ҳавлӣ баромадам. Дидам, ки модарам ҳамроҳи ду ҳамсоязан рӯйи ҳавлӣ болои гилеми худбофти миллӣ якчанд табақи пур аз гандуми сабзонидашударо мекӯфтанд. Аз модарам кунҷковона пурсидам, ки ба чӣ кор машғуланд? Дар ҷавоб гуфтанд: Наврӯз меояд, суманак мепазем.**

**Модарам бо ҳамроҳонаш баробари кӯфтани сабзаи суманак дар бораи пайдоиши ин рамзи наврӯзӣ ривоятеро нақл карданд:**

- Дар бораи пайдоиши суманак нақлу ривояти зиёд то ба рӯзгори мо расидааст. Ҳанӯз дар замонҳои қадим одамон барои раҳоӣ аз гуруснагӣ ҳар гуна хӯрок омода мекарданд. Қабилае дар баландкӯҳҳо умр ба сар мебурданд. Онҳо дар фасли баҳору тобистон бо киштукор машғул шуда, ҳосили бадастовардаашонро зимистон истеъмол мекарданд. Соле барои ин қабила хушксолӣ омад. На ғаллаи кофӣ ба даст оварданду на кишти зироат хуб шуд. Баҳор нарасида захираи зимистонӣ ба итмом расид. Ҳама аз гуруснагӣ азият мекашиданд. Мардум интизори боридани борон буданд. Дар миёни ин қабила модаре ёздаҳ фарзанди хурдсол дошт. Кӯдаконаш аз шиддати гуруснагӣ мегиристанд. Модар дигар тоқати шунидани гиряи кӯдаконашро надошт. Маҷбур шуд сабзаи аз гандум рустаро дар деги калон андохта оташ даргиронда, як навъ таом омода кунад. Оташро баланд кард, хӯроки номаълум даруни дег меҷӯшид. Тифлаконаш гурусна хоб рафтанд. Модар низ аз кафча задани деги хӯрок хаста шуда, хобаш бурд. Субҳи барвақт қатраҳои борон ӯро аз хоб бедор кард. Бошитоб ба даруни дег назар карда дид, ки хӯроки атоламонанди қаҳваранг омода шудааст. Онро аз дег кашида чашид, шириниро ҳис карда, дар ҳайрат монд. Зуд дар косаҳо аз ин хӯрок ба кӯдаконаш дода, онҳоро ба ин восита аз гуруснагӣ раҳонид.

Сипас, модарам бо ҳамроҳонаш нақлашонро оиди суманакпазӣ дар рӯзҳои баргузории Наврӯз идома доданд:

- Дар сарзамини куҳанбунёдамон суманакпазӣ аз анъана ва суннатҳои наврӯзӣ маҳсуб меёфт. Онро асосан бонуҳои оқилаву кордон омода мекарданд. Гандумро дар оби тоза ё оби борон тар карда, се шабу се рӯз нигоҳ медоштанд. Ҳамин ки гандум неш баровард, онро дар табақҳо ҳамвор карда, рӯяшро мепӯшониданд. Ҳар вақте борон меборид, табақҳои суманакро ба берун баровардa, зери борон мегузоштанд, баъд аз борон оби зиёдатии онро полида, боз дар хонае, ки каси бегона он ҷо надарояд, мегузоштанд. Кӯшиш мекарданд сабзаи гандумро ба ғайр аз шахси нигоҳубинкунанда каси дигар набинад. Ҳатто дар вақти пухтани суманак ба сари дег омадани шахси бегона низ манъ будааст.

Дар рӯзи суманакпазӣ чор-панҷ зани ҳамсоя бегоҳӣ барои машварат ҷамъ шуда, сурфа боз кардаву сабзаҳоро гузошта, онро зиёрат мекарданд. Сипас, ояте аз Қуръони карим тиловат карда, ба ҳаққи пири пухтагар дуо мехонданд, сабзаҳоро бурида, ба дег андохта, алав мекарданд ва бо навбат дегро мекофтанд. Аз рӯйи анъана, дар дег ҳафт сангча меандохтанд, ки он рамзи бобаракат шудани солро ифода мекард. Занҳои суманакпаз шаб назди дег нишаста, барои он ки хобашон набарад, афсонагӯӣ, рӯбоихонӣ ва байтбарак мекарданд. Суманак то дамидани субҳ пухта мерасид ва аввалин шуда пазандагони он даҳон ширин мекарданд. Дар бисёр мавзеъҳо ба ғайр аз суманаки дегӣ, инчунин, суманаки танӯрӣ низ омода мекунанд. Умуман, дар айёми иди Наврӯз чор навъи суманак: дегӣ, танӯрӣ, бирёнӣ ва атолагӣ омода месозанд. То ҳол дар деҳоту шаҳрҳо ба дастурхони наврӯзӣ аввал ҳама намуди суманаки пухташударо гузошта, сипас бо хӯришҳои гуногуни ҳафтсину ҳафтшин онро оро медиҳанд. Аксари расму оин ва анъанаву суннатҳои қадимаи Наврӯз дар минтақаҳои кишварамон маъмулу побарҷост.

Бо шунидани нақлу ривоятҳо дар бораи суманак аз бегоҳ шудани рӯз бехабар мондем. Модарам бо ҳамроҳонаш дегҳои калонро барои пухтани суманак омода карда, онро дар майдончаи пушти хонаамон, ки ҳар сол иди Наврӯз баргузор мешавад, гузоштанд. Ҷавонон дегҳоро бо ҳезум таъмин карданд. Алави таги дегҳо баланд шуд. Кӯфтаи сабзаи гандумро ба дегҳо андохтанд ва тахминан баъди гузаштани ду соат кафчазанӣ оғоз шуд. Духтарони қадраси маҳалла майдони баргузории ҷашнро оро медоданд.

То дамидани субҳ, ки оғози Наврӯзи хуҷастапай буд, суманак пухта расид. Гурӯҳи дигари бонуҳои маҳалла субҳи барвақт аз ҳар хонавода орду гандум ҷамъ оварда, дар чанд деги дигар оши бурида, гандумкӯча омода карданд. Дар майдон ҳам барои занону духтарон ва ҳам барои ҷавонписарону мардҳо беҳтарин хони идонаи наврӯзии ҳафтсину ҳафтшин оростанд.

Дастархони идона бо баромадани офтоби шуълавар омодаи қабули аҳли маҳалла буд. Падарам дар як тараф мардҳоро ва модарам аз тарафи дигар занону духтаронро пазироӣ карданд. Баъд аз чанд лаҳза модарам ману боз чанд нафар ҳамсолонамро барои чашидани суманак ба назди дег даъват кард. Баъди чашидани он лаҳзае дар ҳайрат мондем: чӣ тавр аз гандуми наврӯста метавон ширинтарин ғизо омода кард?

Ман он рӯз ва суҳбатеро, ки бо модарам доштам, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намесозам. Тантанаи наврӯзӣ он рӯз то шомгоҳ давом карда, гурӯҳи ҳунарии хонаи маданияти деҳот бо шеъру тарона ва сурудҳои дилнишин табъи мардумро хуш гардониданд.

Оре, шаҳомату бузургии Наврӯз ва меҳри онро дар даврони шуравӣ аз дили мардум дур карда натавонистанд. Наврӯз аз тақвимҳои расмӣ бароварда шуда бошад ҳам, дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хоса дошт. Онро бо номи иди деҳқон, иди оғози киштукор, сайри лола ва ғайра ҷашн мегирифтанд. Баъд аз солҳои 60-уми асри XX бо ҷоннисориҳои равшанфикрони тоҷик он аввал бо номи сайри гули лола, сипас бо номи таърихии худ эҳё гардид.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба иди Наврӯз додани мақоми иди миллӣ ва чаҳор рӯзи аввали онро рӯзҳои истироҳат эълон намудан, мутаассил дар пойтахти мамлакат ва дар минтақаҳои кишвар бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор намудани тантанаҳои наврӯзӣ гувоҳи файзи истиқлолияти кишвар ва сиёсати созандаи Сарвари давлати тоҷикон мебошад. Имрӯз Наврӯз ҳамчун иди миллӣ бо шаҳомати барояш арзанда таҷлил мешавад.

Кош модари ба дилу ҷон баробарам дар ҳаёт мебуданду ҷашни боҳашамати Наврӯзи воқеии даврони соҳибистиқлолии кишварамонро медиданд.

---

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**1. Сардори раёсати табъу нашр - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии олии соҳаи журналистика, филология, таърих, сиёсат, полиграфия, табъу нашр ва илмҳои дигари ҷамъиятӣ- гуманитарӣ;
- 7 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сардори раёсатро ба танзим медароранд;
- донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагири раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;
- маҳорати кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ;
- на камтар аз як маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ.

*Маоши мансабӣ - 4629,35 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**2. Сармутахассиси шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 2320,00 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**3. Мутахассиси пешбари шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**4. Мутахассиси раёсати табъу нашр ва матбуот – 2 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи касбии соҳаи полиграфӣ, филологӣ ё журналистӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**5. Мутахассиси раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**6. Мутахассиси раёсати санъат – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**7. Мутахассиси шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**8. Мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**9. Мутахассиси бахши танзими техникӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии тахассусӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**10. Мутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти касбии тахассусӣ (муҳосибот ё молия);
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

*Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

- аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 3х4 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат (ҳайати оила);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

***Эзоҳ**: Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.*

*Қабули ҳуҷҷатҳо дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун.*

***Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун:***

*734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 34, тел.: 223- 19- 71 ва 221- 04- 23, сомонаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.vfarhang.tj.*

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерини маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд:

**1. Сармутахассиси шуъбаи номгузорӣ ва танзими истилоҳот-1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самаранокии вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯйи ихтисос;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", кор бо компютер, донистан ва риояи намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

*Маоши мансабӣ-2204 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия оид ба даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- нусхаи шиноснома;
- хислатнома аз ҷойи кори қаблӣ;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка);
- парванда (лифофа - 1 адад).

**Озмун аз се марҳила иборат аст:**

- марҳилаи якум - омӯзиши ҳуҷҷатҳои довталабон;
- марҳилаи дуюм - гирифтани кори хаттӣ;
- марҳилаи сеюм - саволу ҷавоб бо ҳар як довталаб.

Шахсоне, ки аз марҳилаҳои якум ва дуюм намегузаранд, ба марҳилаи сеюми озмун даъват карда намешаванд ва ҳуҷҷатҳояшон баргардонида мешавад.

Ҳуҷҷатҳо аз тарафи шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси кумита дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи эълон қабул карда мешавад.

*Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 (бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», ошёнаи сеюм), индекс: 734013, телефон/факс: 227-59-38, 227-59-28, 227-78-29, почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj, сомона: www. kumitaizabon.tj*

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого потенциала в Таджикистане (ПРРД)**

**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**

**Распечатка и распространение материалов КИСУПП по всей стране**

**Номер НКТ: MOF/ECDP/RFB/025/03**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане (ПРРД) и намерена использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Контракту распечатка и распространение материалов КИСУПП по всей стране, номер пакета НКТ: MOF/ECDP/RFB/025/03.

2. Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане настоящим приглашает правомочных и квалифицированных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно распечатки и распространения материалов КИСУПП по всей стране.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с руководством Всемирного банка: руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в феврале 2025 (шестое издание) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15 где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ГРП, E-mail: jobs.info@ecdp.tj и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: **г. Душанбе, Таджикистан, ул. Шероз 35, почтовый индекс: 734025, тел: (+992 37) 2210691 с 8.00 до 17.00 часов.**

5. Заинтересованные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шероз 35, 7 этаж, здание Министерства финансов Республики Таджикистан, почтовый индекс: 734025, E-mail: jobs.info@ecdp.tj, тел: (+992 37) 2210691.

Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF.

6. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу:

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура 27, каб. №10 до 16 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: **Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура №27, кабинет № 10, 16 апреля 2025г. в 15:00 по местному времени.**

**Все конкурсные предложения должны сопровождаться залоговым обеспечением на сумму 64 000 сомони.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов соли 2021, ба Содиқов Саидаъзам Сафархонович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ таҳти қайди №3299, ки онро Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пролетарская, бинои 11, ҳуҷраи 8, ба Шарипов Садулло Бобокалонович додааст, эътибор надорад.

Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ бо дараҷаи А-0112952, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Рӯдакӣ соли 2005 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун, ба Раҳмуддинов Инъомуддин Айнуддинович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун, ба Раҳмуддинов Инъомуддин Айнуддинович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи таҳти №22, ки онро Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе 18 ноябри соли 2022 ба Маҳмадёр Абдураҳмон додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи АБ №109926, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и шаҳри Душанбе соли 2000, ба Карамшоева Рамзия Азатшоевна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ таҳти №564, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 28 майи соли 2018 ба Муродов Турғун Назирматович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «ХОНАИ ҚАННОДИ АНИСА» (РЯМ 0110032075, РМА 010108782), ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15 марти соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Садои мардум**
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева***

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 марти соли 2025, соати 15:14 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97